Тақриз

ба автореферати Сафарова Зарина Раҷабовна дар мавзӯи «Проблемаҳои психологӣ дар системаи муносибатҳои кӯдакони синни томактабии оилаҳои нопурра», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои психологӣ аз рӯи ихтисоси 19.00.05 - психологияи иҷтимоӣ пешниҳод карда шудааст

Дар замони муосир зиёд шудани теъдоди оилаҳои нопурра худ мушкилоти иҷтимоӣ психологӣ ва маънавии кӯдакон аст, ки он таткиқоти гуногунҷабҳаи иҷтимоӣ, психологӣ, педагогӣ ва фарҳангиро тақозо мекунад. Муайян гардидааст,ки мушкилоти аввалини инсон новобаста ба синну сол ва мавқеи иҷтимоӣ ин мушкилот дар барқарор намудани муошират ва муносибатҳои байнишахсӣ дар муҳити оила мебошад.

Мутаасифона ин масъала таваҷҷуҳи хеле ками муҳаққиқонро ба худ ҷалб намудааст. Дар заминаи таткиқотҳои илмии психологӣ, педагогӣ ва ваъзияти психологӣ маънавӣ дар муҳити оилаҳои пошхӯрда, ки он имрӯз чун оилаиҳои нопурра низ эътироф карда мешаванд, Сафарова З.Р. проблемаҳои психологии кӯдакони синни томактабиро мавриди баррасӣ қарор додаст. Арзишмандии кори таҳқиқотии Сафарова З.Р. чунин арзёбӣ намудан мумкин аст:

- дар таҳлили самтҳои пажӯҳиши мавзӯъ асосан ба он таҳқиқотҳое такя карда шудааст, ки ба масъала ва мавзуъи таткиқотӣ мувофиқат мекунанд;
- мақсади вазифа фарзия ва методҳои таткиқотҳои илмӣ ба мавзӯҳои илмӣ ба мавзӯи мазмуни матни автореферати мувофиқат менамояд;
- оила ҳамчун ниҳоди иҷтимоӣ, ки новобаста ба мушкилотҳо иҷтимоию иқтисоди психологию фарҳангии худ дар инкишофи шахсияти кӯдакон мавриди таҳлилу баррасӣ қарор дода шудааст;
- бо баробари баррасии мушкилоти оилаҳои нопурра махсусияти муносибатҳои байнишахсӣ ва тавсифи онҳо ба инкишофи кӯдакони синни томактабӣ методҳои таткиқоти дуруст мавриди истифодабарӣ қарор додашудааст;
- хусусиятҳои психологии муносибатҳои байни ҳамдигарии кӯдакони синни томактабӣ дар оилаҳои нопурра ва пурра муқоиса карда шуда мушкилотҳои онҳо арзёбӣ гардидааст;
- муҳақикин бо истифода аз методҳои тақиқоти, ки муҳаққиқ онҳоро бо мақсаду вазифаҳои таҳқиқӣ масъалаҳои мутобиқ гардондааст, татбиқи фарзияҳои илмии худро тасдиқ карда тавонистааст;

- нишондиҳандаҳои хусусиятҳои муносибатҳои байниҳамии кӯдакон дар оилаҳои нопурра (тибқи истифодаи методикаи Рене Жия) дар диаграмма ва сохтори пареляционии системаи муносибатҳои кӯдакон аз оилаҳои пурра дар расмҳо тасвир ва робитаи онҳо тавзеҳ дода шудааст;
- теъдоди зиёди маводҳои чопшуда, ки аз 21 номгӯй дар автореферат нишондода шудаанд, гувоҳи он аст, ки муҳтавои асосӣ асосӣ ва мазмуни кори дисертатсионӣ дастраси хонандагон гардида, дар амал истифодабарии онҳо таъмин гардидааст.

Бо баробари арзишмандии татқиқоти мазкур муҳаққиқ ба норасоиҳои зерин роҳ додаст.

1. Асосҳои назариявӣ ва методологии татқиқотро бо методҳои умумиилмӣ ва соҳавии психологияи муосир иваз намудааст (автореферат саҳ.7)
2. Хуб мешуд аҳамияти назариявӣ ва амалии татқиқот дар алоҳидагӣ ва бо таври назаррас ҷудо карда мешуд.

Норасоиҳои зикргардида мазмун ва арзиши илмии автореферати диссертатсияи Сафарова Зарина Раҷабовна «Проблемаҳои психологӣ дар системаи муносибатҳои кӯдакони синни томактабии оилаҳои нопурра» коҳиш намедиҳад ва он кори илмии мустақилона иҷро ва ба анҷом расида мебошад. Он барои дифоъ намудан ва дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои психологӣ аз рӯи ихтисоси 19.00.05 психологияи иҷтимоӣ тавсия карда мешавад.

Доктори илми педагогӣ,
профессор Л.Иматова

Тасдиқ мекунам
Сардори шуъбаи кадрӣ
Пажӯҳишгоҳи рушди маорифи
Академияи таҳсилоти Тоҷикистон Ахророва Ф.